№2783/11.1. аз 16.02.2021

Бонки миллии Точикистон

Нусха: Ташкилотҳои қарзӣ ва дигар корхонаҳои дахлдор

(тибқи руйхат)

Нусха: Мақомоти худудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.12.2020, №1744 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», тавзеҳоти зеринро вобаста ба масъалаҳои дархостшуда ирсол менамояд.

Қонуни мазкур тартиби бо андоз аз арзиши иловашуда андозбандӣ намудани шахсони хориҷие, ки ба шахсони воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои электрониро анҷом медиханд, ба танзим даровaward, бо ин мақсад дар моддаҳои 12, $17^1$, 25, 57, 161, 162, 176, 177 ва 186 Кодекси андоз тағйиру иловаҳо, инчунин ба Кодекси андоз боби махсуси $31^1$ (моддаҳои $193^1$-$193^5$) ворид карда шуд.

Мутобиқ ба талаботи зербанди д) банди 5 моддаи 176 Кодекси андоз маҳалли ҷойгиршавии шахси воқеӣ-харидори хизматрасониҳои электронии дар боби $31^1$ Кодекси андоз мукарраршуда худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, агар яке аз шартҳои зерин ичро гарданд:

- маҳалли зисти харидор Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;
- маҳалли чойгиршавии ташкилоти қарзӣ ё ташкилоти дигаре, ки дар он суратҳисобе кушода шудааст ва он аз ҷониби харидор барои пардохти хаққи хизматрасонӣ истифода мешавад, ё оператори маблағҳои пулии электронӣ, ки тавассути он харидор хаққи хизматрасониро пардохт менамояд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вокеъ бошад;
- суроғаи шабакавии харидор, ки ҳангоми харидории хизматрасониҳо истифода мегардад (гардидааст), дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда бошад;
- рамзи байналмилалии кишваре, ки рақами телефонии он барои харидорӣ ё пардохти хаққи хизматрасониҳо истифода шудааст, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таалluқ дошта бошад.

Бо назардошти муқаррароти мазкур дар моддаи 193[1] Кодекси андоз андозсупорандагоне, ки хизматрасониҳои электрониро анҷом медиханд, мушаххас карда шудааст.

Тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 193[1] Кодекси андоз супорандаи чунин андоз шахсони хориҷие, ки мустақиман ё тавассути шахсони миёнарав ба шахсони воқеӣ хизматрасониҳои электрониро анҷом медиҳанд муайян шудаанд, агар маҳалли чунин хизматрасониҳо худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Мисол, шахси хориҷӣ-«Google» ба шахси вокеӣ хизматрасонии электрониро дар шакли бозии электронии пулакӣ бо арзиши 1180 сомонӣ мефурӯшад. Шахси воқеӣ ҳаққи хизматрасонии электрониро тавассути корти бонкие, ки ба ташкилоти карзӣ молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ, дорад, пардохт менамояд. Шахси хориҷӣ-«Google» ухдадор аст, аз фуруши хизматрасонии электронӣ андоз аз арзиши иловашударо бо меъёри 18% ба маблағи 180 сомонӣ ҳисоб намуда, маблағи онро ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт намояд.

Дар ин холат ташкилоти карзӣ молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хаққи хизматрасонии электрониро бо фармоиши шахси воқеӣ ба шахси хоричӣ-«Google» интиқол медиҳад, супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ва ё агенти андоз ҷиҳати нигоҳ доштан ва ба буҷет пардохт намудани андоз аз арзиши иловашуда ба ҳисоб намеравад.

Мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 193[1] Кодекси андоз, агар аз ҷониби шахсони хоричӣ хизматрасониҳои электронӣ ба шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои доимии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шаванд, пас харидорони чунин хизматрасониҳо агентҳои андоз эътироф карда шуда, ухдадории ҳисоб ва пардохти ААИ ба зиммаи чунин харидорон вогузор мегардад.

Мисол, шахси хоричӣ-«Facebook» дар шабакаи иҷтимоии худ рекламаи шахси ҳуқуқӣ-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистонро чойгир менамояд, ки арзиши химатрасонии электронии мазкур маблағи 11800 сомониро ташкил медилад. Дар ин сурат, шахси ҳуқуқӣ-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми пардохт намудани арзиши чунин хизматрасонии электронӣ (11800 сомонӣ) ба шахси хоричӣ-«Facebook» хамчун агенти андоз донистa шуда, ухдадор аст андоз аз арзиши иловашударо ба маблағи 1800 сомонӣ дар манбаи пардохт нигоҳ дошта, онро ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида, эъломияи андозро ба мақомоти андоз пешниход намояд.

Ташкилотҳои карзӣ молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси супориши шахси ҳуқуқӣ-резиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқоли маблағи хизматрасонии электрониро иҷро менамояд, агенти андоз ба ҳисоб намеравад.

Ҳамзамон, агар шахси хориҷӣ-«Facebook» хизматрасонии электрониро ба ташкилотҳои қарзӣ молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳад, пас ташкилоти карзӣ молиявӣ-харидори чунин хизматрасониҳо ҳамчун агенти андоз эътироф карда мешавад. Дар чунин холат ташкилоти карзӣ молиявӣ уҳдадор аст, андоз аз арзиши иловашударо дар манбаи пардохт нигоҳ дошта, онро ба буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт намуда, эъломияи андозро ба мақомоти андоз пешниҳод намояд.

Тибқи муқаррароти қисми 3 моддаи $193^1$ Кодекси андоз хизматрасониҳои электронӣ аз ҷониби шахсони хориҷӣ-миёнаравҳое, ки фаъолияти соҳибкориро ҷихати ташкили ҳисоббаробаркунӣ бо иштироки шахсони воқеӣ дар асоси шартномаҳои супориш, комиссия, агентӣ ва шартномахои дигари ба он алоқаманд бо шахсони хориҷии анҷомдиҳандаи чунин хизматрасониҳо амалӣ менамоянд, барои мақсадҳои боби $31^1$ Кодекси андоз хамчун агенти андоз эътироф карда мешаванд.

Мисол, шахси хориҷӣ-ширкати «Яндекс» (миёнарав) тавассути ҳамиёни электронӣ ба шахси воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои электронии шаҳсони хориҷӣ-«Google» «Apple», «Facebook» ва дигар чунин ширкатҳоро пешниҳод менамояд. Шахси воқеӣ тавассути ҳамиёни электронии шахси хориҷӣ-«Яндекс» бозии пулакии электронии «Google»-ро бо нархи 1180 сомонӣ харидорӣ менамояд. Дар чунин сурат шахси хориҷӣ-«Яндекс» ҳамчун миёнарав агенти андоз ба ҳисоб рафта, ухдадор аст, андоз аз арзиши иловашударо ба маблағи 180 сомонӣ ба буҷети давлатии Тоҷикистон пардохт намуда, эъломияи онро ба мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Мутобиқ ба муқаррароти қисми 4 моддаи $193^1$ Кодекси андоз агар хизматрасонҳои электронӣ бо иштироқ дар ҳисоббаробаркуниҳои силсилаи пайдарҳамии якчанд шахсони ҳуқуқӣ-миёнаравон анҷом дода шаванд, дар ин ҳолат агенти андоз шахси хориҷӣ-миёнараве дониста мешавад, ки новобаста аз мавҷудияти шартнома бо шахсони хориҷии анҷомдиҳандаи чунин хизматрасониҳо дар ҳисоббаробаркуниҳо бо шахсони воқеӣ бевосита иштироқ менамояд.

Мисол, шахси хориҷӣ-ширкати «Qiwi» бо иштироки ташкилоти карзӣ молиявии ватании «А» ва ташкилоти карзӣ молиявии ватании «Б» ба шахси воқеӣ фуруши китоби электронӣ аз ширкати «Amazon»-ро пешниҳод менамояд. Шахси воқеӣ тавассути ҳамиёни электронии худ дар ташкилоти қарзӣ молиявии «Б» китоби пулакии электронии ширкати «Amazon»-ро бо

нархи 2360 сомонӣ харидорӣ менамояд. Дар ин сурат, шахси хориҷӣ-ширкати «Qiwi» ҳамчун агенти андоз ба ҳисоб рафта, ухдадор мебошад, ки андоз аз арзиши иловашударо ба маблағи 360 сомонӣ ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт намуда, эъломияи андозро ба мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешнилод намояд.

Ташкилотҳои қарзи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳисоббаробаркуниҳои силсилаи пайдарҳамӣ барои чунин хизматрасониҳои электронӣ хамчун интиқолдиҳандаи ҳаққи хизматраосниҳои электронӣ иштирок намудаанд, барои анҷоми чунин амалиёт ҳамчун агенти андоз ба ҳисоб намераванд.

Ҳамзамон, ба назар гирифта шавад, ки мутобиқ ба талаботи қисми 1 моддаи 166 Кодекси андоз арзиши амалиёти андозбандишаванда дар асоси маблағе, ки андозсупоранда аз мизоҷ ё аз ҳар шахси дигар мегирад ё ҳуқуқи гирифтанро дорад муайян мегардад.

Кумитаи андоз бо дар назар дошти дархости ташкилотҳои қарзӣ молиявӣ мутобиқ ба муқаррароти қисмҳои 1, 2, 3 ва 4 моддаи 193[1] Кодекси андоз бизнес равандҳои дахлдорро омода намуда, дар замима ба мактуби мазкур барои маълумот пешниҳод менамояд.

Замима: дар ҳаҷми 4 варақ.

Раис Н.Давлатзода